## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Мусоева Бунафша Аламхоновна дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ

Рисолаи диссертатсионии Мусоева Б.А. натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки масъалаҳои мубрами педагогика ва методикаи таълими математикаро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар ифода менамояд. Дар натиҷаи хулосаҳои бобҳои баррасишаванда, хулосаи умумӣ ва таҷрибаҳои педагогии муҳаққиқ, бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрамият ва аҳамияти назариявию амали масъала.** Мавзӯи рисолаи номзадии Мусоева Б.А. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогика ва методикаи таълими математика буда, аввалан камомӯхташуда ва сониян рӯзмарра ба шумор меравад. Математика ва маълумоти математикӣ дар ҳама давру замон яке аз соҳаҳои муҳими илму фарҳанг ба шумор меравад ва дар ҷаҳони имрӯзаи тараққиёти босуръати техникаву технологияи навин, ки компютер ҷузви ҷудонашавандаи илму фарҳанг гардидааст, мавзӯи баррасишаванда хеле муҳим ва замонавӣ мебошад. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ҳангоми таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзгор бояд он ҷиҳатҳоеро ба назар бигирад, ки мутобиқ ба онҳо тафаккур инкишоф меёбад, бахуссус методика ва технологияи омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон танҳо тафаккури мантиқӣ, балки дарки маҳоратро низ инкишоф медиҳанд.

Аз ин рӯ гуфтан метавон, ки рисолаи муаллиф ба яке аз марҳилаҳои камомӯхташудаи методикаи таълими математика - Технологияи омодасозии

касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон бахшида шудааст.

Матни рисола пурра инъикоскунандаи мазмуну мундариҷа ва мақсадҳои дар мавзӯъ баррасишаванда мебошад. Рисола аз муқаддима, ду боби иборат аз 5 параграф, хулосаҳои ҷудогонаи ҳар боб, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бо 9 расму диаграмма ва 13 ҷадвал ҷамъбаст гардидааст.

Дар **муқаддима** интихоби мавзӯъ, аҳамияту дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, пойгоҳи манбаъҳои таҳқиқшаванда, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кор, фарзия, навгониҳои таҳқиқот асоснок ва муайян карда шудааст.

Дар **боби аввал** «Асосҳои назариявии омодасозии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон», ки аз 2 параграф иборат аст муаллиф дуруст асоснок кардааст, ки раванди инкишофи завқи математикии хонандагон ҳамчун низоми омӯзиш ва ҷанбаҳои назариявии ташаккули омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон, роҳҳои амалисозии онҳо дар ҷараёни омодасозии касбӣ омӯзгорони ёрӣ мерасонад. Ин амал барои ташаккули фаъолияти фикрии хонандагон дар ҷараёни таълими математика дорои аҳамияти калон мебошад. Дар параграфи якуми ҳамин боб муҳаққиқ масъалаи вобастагии инкишофи завқи математикии хонандагонро ба ҳамкории заминаҳои табиӣ (истеъдод, қобилият), шароити муҳити мавҷудаи иҷтимоӣ ва фаъолнокии худи хонандагон дар раванди таълим мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ҳамин боб муаллиф қайд мекунад, ки азбаски донишҳои математикӣ, бешубҳа, ба ҷумлаи донишҳои мушкиломӯз мансубанд, бинобар ин, нақши омӯзгор дар ташаккули тасаввуроти математикӣ дар зеҳни хонандагон қобили мулоҳиза буда, самаранокии раванди таълим, вобаста бо он аст, ки ин идоракунӣ то чи андоза босалоҳият роҳандозӣ мегардад. Ҳкамчунин муҳаққиқ дуруст қайд кардааст, ки дар раванди ба хонандагон омӯзондани математика такомули равандҳои равонии

маърифатӣ (идрок, тафаккур, хотира, нутқ, диққат, тахайюл) ба вуҷуд омада, равишҳои фаъолияти зеҳнӣ (таҳлил, таркиб, хулосабарорӣ, тасниф ва ғайра) ташаккул ёфта, боиси рушди қобилияти математикии хонандагон мегардад. Дар боби аввал ҳамчунин ҷузъиёти асосии раванди ташаккули тасаввуроти математикӣ дар зеҳни хонандагон ҳамчун низоми идорашаванда, вижагиҳои амалкарди он дар шароити муосир тавсиф ва дар асоси ин вижагии омодасозии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ошкор гардидааст.

**Боби дуюм** «Технологияҳои омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» се параграф: “Масъалаҳои омода гардонидани омӯзгорони оянда дар ҷараёни идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон”, “Шароити дидактикии омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон” ва “Таҷрибаҳои педагогӣ ва натиҷаҳои онҳо”-ро дар бар гирифта, бевосита мавриди баррасии истифодаи амалии муҳаққиқ қарор гиифтааст.

Дар ин боб, ки гуфтан мумкин аст ҷавҳари рисола мебошад, муҳаққиқ самаранокии татбиқи технологияи омодасозии касбии омӯзгорони ояндаро барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон баррасӣ намудааст. Тибқи хулосаи унвонҷӯ технологияи омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар ҷараёни таълими математика мувофиқи мақсад шуморида мешавад. Ба назар гирифтан ҷоиз аст, ки мавқеи асосиро дар машғулиятҳо новобаста аз технологияҳои истифодашаванда омӯзгор ишғол намуда, вай раванди таълим идора мекунад. Аз ин рӯ, маҳорати идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар ҷараёни таълими математика аз ҷониби омӯзгор яке аз масъалаҳои мубрами педагогика ва методикаи таълим дониста мешавад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот таҳлил ва ҷамъбасти маводи доир ба мавзӯъ гирдовардашударо, ки дар чорчӯбаи чунин соҳаҳои илм аз қабили:

методикаи таълими математика, педагогика ва психология тахия шудаанд, мубрамияти масъалаи таҳқиқгардида дар раванди таълим, ки на танҳо шавқу рағбати омӯзгорони математика, балки умуман педагогикаро ифода мекунад, дарбар мегирад.

Аҳамияти амалии корро муҳаққиқ дуруст чунин муайян кардааст, ки он дар коркард ва дар амал татбиқ гардидани курси махсуси «Идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» дар танзими тавсифномаи тахассусии мутахассис оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон мебошад. Воқеан курси махсуси «Идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» метавонад тавсифномаи тахассусии омӯзгорро дар таъйини нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои сатҳи ташаккули омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон такмил ва пурра намояд, ки он ба устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ имконият медиҳад, ки саривақт ва босамар раванди омодагии донишҷӯёнро барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон таҳти назорат дошта бошанд.

Умуман рисола бо забони содаю фаҳмои илмӣ таълиф гардида, вазифаю ҳадафи мавзӯъро пурра тавсиф мекунад.

Дар баробари муваффақиятҳои назаррас ба сифати эрод чанд нуктаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Мавзӯъ «Технологияи омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» мебошад, аз ин рӯ муҳаққиқ метавонист ба сифати инкишофи завқи математикии хонандагон аз бозиҳои шавқовари математикӣ низ истифода мекард.

2. Хуб мешуд, ки муаллиф ба сифати параграфи алоҳида дар бораи таъсири бозиҳои шавқовари математикӣ дар ташаккули дониш ва ҷаҳонбинии умумии хонандагон истифода мекард, ки фикр мекунам, он гоҳ қимати кор боз ҳам афзун мегардид.

3. Дар автореферат ва диссертатсия гоҳо иштибоҳоти техникӣ ва стиллистикӣ дучор меоянд.

Албатта эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, ба арзиши волои назариявию амалии рисола таъсире надоранд ва муаллиф метавонад дар пажӯҳишоти баъдинаи худ онҳоро ба назар гирад.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй, ки фарогири 10 ададанд мебошанд, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Русия нашр гардидаанд, пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи диссертатсионии Мусоева Бунафша Аламхоновна дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи методикаи таълими математикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Маҳкамов Мамадҷон

07.09.2022.

Сурога:
734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел: (+992) 935 851 055; E-mail: mmamadjon@mail.ru

*Имзои М. Маҳкамовро тасдиқ мекунам*
*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ*
*ба номи Садриддин Айнӣ* *Мустафозода А.*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС